**Вазифаҳои асосии Раёсати кадрҳо ва бахши махсус**

1.**Раёсати кадрҳо ва бахши махсуси** Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати кадриро дар асоси ташкили системаи идоракунии кадрҳо, истифодаи нисбатан пурра ва оқилонаи қобилияти кормандон ба амал бароварда, барои фаъолияти ташабускорона ва эҷодкоронаи кормандон бо назардошти хусусиятҳои фардӣ ва малакаҳои касбии онҳо шароитҳоро таъмин менамояд, якҷоя бо Раёсати молиявӣ ва баҳисобгирӣ ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавиро истифода намуда, фаъолияти асосии вазоратро бо саҳми ҳар як корманд алоқаманд менамояд.

2. **Раёсати кадрҳо ва бахши махсус** вазифаи маркази идораи кадрии вазоратро, ки мақсади ниҳоии он фаъолияти муваффақиятноки мақоми мазкур, баланд бардоштани қаноатмандии касбию моддии ҳар корманд, ҳифзи сиҳатӣ ва таъмини бехатарии кормандон мебошад, иҷро менамояд.

3. Фаъолияти **Раёсати кадрҳо ва бахши махсус** барои таъмини вазифаҳои зерин равона мешавад:

- ташаккулёбии сифатнок ва истифодаи самараноки иқтидори кадрии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мувофиқати касбии ҳар як корманд ба он мансабе, ки ишғол кардааст, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ ва имкониятҳои воқеии инкишофи қобилиятнокӣ ва қонеъ гардонидани талаботи ҳар як корманд;

- ташкили захираи амалкунандаи кадрҳо;

- нигоҳ доштани сатҳи зарурии тахассусии кормандон бо назардошти хусусияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо аз ҳисоби ташкили фаъолияти сармараноки бозомӯзиҳо, фиристодани кормандон барои таҳсил ба муассисаҳои таълимии ватанӣ ва хориҷӣ, ҳамчун таҷрибаомӯзии ҳайат дар мақомоти пешқадами ҷумҳурӣ ва хориҷа;

- бо тартиби муқарраргардидаи гузаронидани аттестатсияи кормандони вазорат, ҳамчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба ҷойивазшавии самаранок дар вазифаҳо ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусӣ;

- назорати иҷрои санадҳои меъёрию ҳуқуқии Вазорати рушди иқтисод ва савдо оид ба масъалаҳои кадрҳо;

- бaҳисобгиии ҳайати шахсии кадрҳо ва пешниҳоди ҳисоботҳои муқарраршуда, пешбурди манбаи маълумотҳои захиравии ҳайати шахсӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои замонавии идоракунӣ бо истифода аз зерсистемаи автоматикунонидашудат САИ (системаи автоматикунонидашудаи идора) «Кадрҳо»;

- тартиб додани махзани маълумот дар бораи хизматчиёни давлатии Вазорати рушди иқтисод ва савдо

- мустаҳакам намдани интизом, муташаккилӣ, фароҳам овардани шароити мусоид, пешгирии муноқишаҳои меҳнатӣ;

- таҳияи пешниҳодҳо дар бораи тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кормандони Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар мавридҳои ихтисоршавӣ, тағйиротҳои ташкилию штатӣ ва сохторӣ;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба гузаронидани озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ ва назорати дуруст гузаронидани озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холӣ ва назорати дуруст гузаронидани онҳо.